Мушоҳидаи тӯлонӣ ва таҳлили ҳаматарафаи равониву педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар рафти тайёрии касбию педагогии омӯзгорони чавони мактабҳои олӣ мавқеи афзалиятнок ба омодасозии онҳо ба фаъолияти таълимӣ дода мешавад, ки дар баъзе мавридҳо ба дараҷаи меъёрии сифат ҷавобгӯ намебошад, аммо омодагии омӯзгорон ба амалисозии фаъолияти тарбиявӣ ва илмӣ кори дуюминдараҷа, ё худ як фаъолияти муқаррарӣ қабул карда мешавад. Дар натиҷа, аз як тараф, омӯзгорони ҷавон танҳо бо ҳалли вазифаи маълумотдиҳии таълим маҳдуд мегарданд, ки на ҳама вақт ба дараҷаи сифат мувофиқат менамояд, вазифаҳои тарбиявӣ ва инкишофдиҳии таълим бошад аз эътибор соқит мегарданд, аз тарафи дигар, онҳо бо фаъолияти илмӣ машғул намегарданд. Вобаста ба ин, ду намуди вайроншавӣ, яъне хатогӣ ба назар мерасад, ки яке боиси пайдошавии дигаре мегардад. Мавҷуд набудани муносибати ягонаи сохториву функсионалӣ нисбати тайёрии касбӣ-педагогии омӯзгорони мактабҳои олӣ боиси вайроншавии татбиқи вазифаҳои таълимӣ дар донишгоҳ мегардад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзӯъ:** Масъалаҳои мубрами таълим ва тарбия дар мактаби олӣ, инчунин проблемаи тайёрии касбӣ-педагогии кадрҳои омӯзгорӣ дар пажӯҳишҳои муҳаққиқон О.А.Абдуллина, С.И.Архангелский, Н.В. Кузмина, Ю.К. Бабанский, В.А. Сластенин ва дигарон ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкур дар асарҳои олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди И.Обидов, М.Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Ш.А. Шаропов, Х.М.Сабурӣ, М.А. Абдуллоева, А.А.Азизов ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Ин асарҳо ба ин ё он дараҷа ба масъалаи ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ омодасозии омӯзгорони оянда дахлдор мебошанд. Аммо ба таври куллӣ, ҳамчун як низоми ягона нисбат ба шароити муосири таълимии макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин масъала ҳанӯз мавриди тадқиқоти махсуси илмӣ қарор нагирифтааст.

Ҳамин тариқ, ҳассосияти иҷтимоӣ-педагогии муаммои мазкур, мавҷуд набудани моделҳо, технологияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва амалигардонии раванди рушди омодасозии кадрҳои омӯзгории мактабҳои олӣ интихоб ва мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро: “Ташаккули салоҳияти бисёрвазифагии касбии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ” - муайн менамояд.

Мубрамияти масъалаи мазкур ҳамчунин аз он нуқтаи назар бармеояд, ки дар шароити муосир раёсат, деканат ва кафедраҳо фаъолияти худро дар самти ташаккули салоҳияти касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавон ба қадри кофӣ равшан, якхела, мақсаднок ва фаъолона ҳамоҳанг намесозанд; илова бар он дастурҳои методӣ, ки ба талаботҳои илмӣ-методии муосири тайёр намудани кадрҳои мактабҳои олӣ ҷавобгӯ мебошанд, нокофия ё тамоман мавҷуд нестанд.

**Объекти таҳқиқот** – раванди омодасозии кадрҳои педагогӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ.

**Предмети таҳқиқот** – роҳ ва усулҳои омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ.

**Мақсади таҳқиқот** – таҳияи моделҳо, технологияҳо ва усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки омодасозии силсилавӣ-функсионалии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ.

Зимни таҳқиқот фарзияи зерин аз ҷониби мо пешбарӣ гардида буд: раванди омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ самараноктар ва ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, агар:

- ягонагии диалектикӣ, алоқамандӣ ва вобастагии байниҳамдигарии фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ҳамчун низоми ягона мавриди назар гардад;
- моҳият, мундариҷаи асосӣ ва сохтори системаи корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ моделонида шаванд;
- аҳамияти мувозӣ ва баробарарзишии омодасозӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ аз ҷониби субъектҳои идоракунии мактабҳои олӣ ва худи омӯзгорони ҷавон дарк карда шавад;

- ҷустуҷӯи алгоритми технологияи силсила-вазифавии омодасозии омӯзгорони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ва методикаи ба он мувофиқ ба сомон расонида шавад.

Дар асоси ҳадафи пажӯҳиш ва фарзияи кории пешниҳодшуда вазифаҳои зерин муайян гардиданд:

- исбот намудани аҳамият ва мақсаднокии муносибати силсилавӣ-вазифавӣ дар омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ;

- тарҳрезӣ кардани модели назариявӣ ва амалии омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ;

- таҳия намудани алгоритми технология ва методикаи ба он мувофиқи омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ;

- ба таври таҷрибавӣ санҷидани самаранокии педагогии таҳияи моделҳо, алгоритмҳо, технологияҳо, усулҳо ва тавсияҳои методии мувофиқ барои татбиқи онҳо дар амалияи омодасозии омӯзгорони ҷавон дар мактабҳои олӣ

**<u>Ғояи пешбар:</u>** Раванди омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ, ки тавассути муносибати силсилавӣ-касбӣ ташкил карда шудааст ва чун натиҷаи ягонагии диалектикӣ, робитаи мутақобила ва алоқамандии омодасозии онҳо ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ, самаранокии салоҳиятнокии касбӣ-педагогии онҳоро хеле баланд мебардорад.

**<u>Асоси методологӣ ва назариявии</u>** таҳқиқотро муқаррароти илмӣ оид ба иттилооткунонии ҷомеа, назарияи ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгор, назарияи моделсозӣ, назарияи муносибати силсилавӣ-вазифавӣ, шахсӣ ва фаъолиятнокӣ, назарияи раванди ягонаи педагогӣ чун объекти фаъолияти омӯзгор ташкил медиҳанд.

**<u>Сарчашмаҳои таҳқиқотро</u>** асарҳои файласуфон, педагогон ва равоншиносон оид ба масъалаҳои таълим, тарбия, ташкили фаъолияти илмӣ, омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорон, нақши фаъолият ва таълим дар ташаккули шахсият; маводҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ; нақшаҳо, барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ; фаъолияти таҷрибавӣ-маъмурии унвонҷӯ дар шуъбаи таълимии мактаби олӣ.

**<u>Усулҳои таҳқиқот:</u>** таҳлили назариявии адабиёти фалсафавӣ, педагогӣ, равоншиносӣ оид ба масъалаи мариди омӯзиш; омӯзиш, ҷамъбаст ва татбиқи эҷодкоронаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; моделсозии педагогӣ, пурсиши омӯзгорон; мушоҳидаи равоншиносӣ-педагогӣ, таҳлили равоншиносӣ-педагогӣ; озмоиши педагогӣ; усулҳои оморӣ математикӣ доир ба коркарди натиҷаҳои озмоиш.

**<u>Тартиб ва марҳилаҳои таҳқиқот.</u>** Таҳқиқот дар се марҳила ташкил ва гузаронида шуд.

**<u>Дар марҳилаи якум (солҳои 2015-2017</u>**) бо мақсади муайян намудани ҳолат ва дараҷаи омодагии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ озмоиши собиткунанда гузаронида шуда, дар заминаи таҳлили асосноки он роҳҳои дигаргунсозӣ ва азнавсозии ташаккули

салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ муайян карда шуданд.

**<u>Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2017-2019)</u>** моделҳои силсилавӣ- вазифавӣ ва мувофиқ ба онҳо технологияҳои назариявӣ ва амалии омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ таҳия карда шуданд ва ҳамчунин меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳҳои имконпазири ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ коркард карда шуданд.

**<u>Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2019-2022)</u>** бо мақсади муайян намудани самаранокии методикаи таҳиягардида оид ба ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ корҳои озмоишии ташаккулдиҳанда ба сомон расида, дар асоси таҳлили натиҷаҳо хулосаҳо бароварда шуданд, тавсияҳо тартиб дода шуданд.

**<u>Пойгоҳи таҳқиқот:</u>** Раёсати МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", деканати факултетҳои математика, филологияи рус, таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, геоэкология ва туризм, кафедраҳои умумидонишгоҳии психологияи умумӣ ва забони русии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. Дар рафти таҳқиқот бо 32 омӯзгорони соҳибтаҷриба ва бо 84 омӯзгорони ҷавон сӯҳбату мусоҳиба гузаронида шуд.

**<u>Навгонии илмии таҳқиқот:</u>**

- зарурати воқеии баррасӣ намудани салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони мактаби олӣ ҳамчун силсилаи ягонаи омодагии вазифавӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ исбот карда шудааст;
- силсилаи моделҳои моҳият, мундариҷаи асосӣ, сохтори корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ тарҳрезӣ карда шудаанд;
- роҳҳои оптимизатсияи омодагии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ муайян када шудаанд;
- меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳҳои имконпазири омодагии касбиву педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ тавассути ҷорӣ намудани мактаби дабирӣ таҳия карда шуданд .

**<u>Аҳамияти назарии таҳқиқот:</u>**

- ҷамъбасти назариявии таҷрибаи омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ба сомон расонида шудааст;
- самти нави назариявии омодасозии омӯзгорони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ дар асоси муносибати силсилавӣ-вазифавӣ, ки омодагии бисёрвазифагии онҳоро таъмин менамояд, коркард гардидааст;
- тасаввурот оиди раванди ташаккули салоҳиятнокии касбӣ- педагогии омӯзгорони мактабҳои олӣ васеъ карда шудааст;
- раванди баҳодиҳӣ ба омодагии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ тартиб дода шудааст.

**<u>Аҳамияти амалии таҳқиқот:</u>** муқаррароти назариявӣ, моделҳои педагогӣ ва технологияҳои татбиқи онҳо, тавсияҳои илмӣ-амалии тадқиқоти

мазкур дар раванди омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба фаъолияти касбӣ истифода шуда метавонанд; усулҳои таҳияшудаи баҳодиҳии омодагии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ба баланд бардоштани сатҳи дақиқи баҳодиҳии салоҳиятнокии касбии онҳо мусоидат менамоянд;

Методикаи таҳия ва санҷидашудаи ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони мактабҳои олӣ дар фаъолияти маъмурии раёсат, деканат ва кафедраҳо доир ба банақшагирӣ, ташкил, назорат, таҳлил, баҳодиҳии корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии омӯзгорон мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Ҷанбаҳои муайяни таҳқиқот дар раванди хониши лексияҳо доир ба фанҳои дар магистратура омӯхташаванда, мавриди истифода бурда шуда метавонанд.

**<u>Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мешаванд:</u>**

1. Танқиди илмӣ-методии омодагии яквазифагии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ҳамчун шакли нодуруст ва ғайримақсаднок ва исботи илмӣ-методии аҳамиятнокӣ ва мақсаднокии шакли бисёрвазифагии омодагӣ.
2. Мутобиқшавии самараноки омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба низоми муҳити мактаби олӣ, ки он унсурҳои муҳити таълимӣ, муҳити илмӣ ва муҳити тарбиявиро дарбар мегирад.
3. Модели салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ, ки моҳият, мундариҷаи асосӣ, сохтори омодасозии онҳоро ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ инъикос менамоянд.
4. Омодагии назариявӣ ва амалии омӯзгорони мактабхои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ҳамчун асоси салоҳиятнокии касбӣ-педагогии онҳо.
5. Нақш ва мақоми нишондиҳандаҳо, меъёрҳо, сатҳҳо зимни назорат ва арзёбии фаъолияти омӯзгорони мактабҳои олӣ нисбати омодагии онҳо ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ.
6. Методикаи ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ.
7. Маҷмӯи шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ, ки ташаккули самаранокии салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ мусоидат менамояд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Дастуруламалҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (солҳои 2017-2022) мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз рӯи мазӯи рисола дар конфронсҳои илмии профессорону омӯзгорони МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” маърӯзаҳо хонда шуда, ҳамчунин натиҷаҳои он дар мақолаҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидааст.

**<u>Сохтори кор.</u>** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯи адабиётҳои истифодашуда, 18 расм, 10 ҷадвал иборат аст.

**<u>Мундариҷаи асосии диссертатсия.</u>** Дар шароити муосир, дар шароити мураккабшавии барномаҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилот, мураккабшавии

равандҳои истеҳсолот дар соҳаи фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ, мураккабшавии равандҳои иҷтимоӣ-динамикӣ дар соҳаи руҳӣ-ахлоқии ҳаёти ҷомеа аз як ҷониб, ва аз ҷониби дигар иттилооткунонии ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи маориф талаботҳои калон нисбати омодасозии касбӣ-педагогии кадрҳои педагогӣ гузошта мешаванд. Ҳаллу фасли ин вазифаҳо бевосита бо омодасозии мутахассисони оянда ба маълумоти муттасил ва худомӯзӣ алоқаманд аст. Фаъолияти омӯзгори мактаби олӣ бисёрҷиҳата ва бисёрҷанба буда, масъулият ва худфидоии бузургро талаб менамояд. Таҳқиқи фаъолияти омӯзгори мактаби олӣ вобаста ба ин татбиқи як қатор муносибатҳои илмӣ-таҳқиқотиро, ба монанди силсиланокӣ, яклухтӣ, бисёрвазифагиро тақозо менамояд. Муносибати силсиланокӣ ҳамон вақт татбиқ мешавад, ки агар фаъолияти омӯзгори мактаби олӣ ҳамчун силсила мавриди назар гардид, ки он аз унсурҳо ва алоқаи байни онҳо иборат бошад. Муносибати яклухтӣ тақозо менамояд, ки амалиёти унсурҳо ва алоқамандии онҳо дар диалектикаи ягонагӣ, дар алоқамандии байни ҳамдигарӣ ва аз ҳамдигар вобастагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Муносибати бисёрвазифагӣ ҳамон вақт самаранок риоя карда мешавад, ки агар вазифаҳои касбии омӯзгор ба таври мувозӣ ва дар як вақт, на чун асосӣ ва дуюминдараҷа, чӣ тавре ки ин дар тасаввуроти анъанавӣ мебошад, балки чун баробар ва баробарарзиш мавриди назар мегарданд. Чунин вазифаҳо сето: таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ. Бе сатҳи зарурӣ ва кофии омодагӣ ба ҳар сеи ин вазифаҳо омӯзгор дар мактаби олӣ дар шароити муосир самаранок кор карда наметавонад. Муносибати бисёрвазифагӣ аз муносибати яквазифагӣ бо он фарқ мекунад, ки он ҳар сеи ин вазифаҳоро ҳамчун вазифаҳои асосӣ, аз ҷиҳати воқеӣ зарур мавриди назар менамояд, муносибати яквазифагӣ бошад ба сифати вазифаи асосӣ вазифаи таълимиро мавриди эътимод намуда, вазифаҳои тарбиявӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро чун вазифаи дуюминдараҷа ҳисоб менамояд, ки ин аз нуқтаи назари илмӣ-методӣ нодуруст аст. Маҳз муносибати бисёрвазифагӣ барои ташаккули тасаввуроти нав дар бораи омӯзгори мактаби олӣ, дар бораи сифатҳои шахсӣ ва касбии ӯ мусоидат менамояд.

Омӯзгори мактаби олӣ ба маънои васеяш бояд, ки педагоги фозил, тарбиядиҳанда ва олим шуданаш лозим аст. Барои он ки чунин гардад, ӯ бояд бо суръати баланд роҳи дарози касбӣ-педагогиро тай намуданаш лозим аст. Ин роҳи бартараф намудани мушкилиҳои касбӣ-педагогӣ, мутобиқшавӣ ба шароитҳои касбӣ-педагогӣ, сайқал додани маҳорати педагогӣ мебошад. Боиси таассуф аст, ки мушоҳидаҳои тӯлонии психологӣ-педагогии мо нишон медиҳанд, ки омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ дар марҳилаи аввали фаъолияти омӯзгории худ мушкилиҳои бузургро зимни мутобиқшавӣ ба талаботҳои сахти илмӣ-методии мактаби олӣ нисбати дараҷаи ихтисоси омӯзгорон эҳсос менамоянд. Дар як вақт таҳқиқи фаъолияти касбии омӯзгори мактаби олӣ татбиқи муносибатҳои фаъолиятнокӣ ва салоҳиятнокиро тақозо менамояд.

Татбиқи муносибатҳои фаъолиятнокӣ ва салоҳиятнокӣ дар якҷоягӣ бо муносибатҳои силсиланокӣ ва бисёрвазифагӣ шароитҳои зарурии воқеии илмӣ-методиро барои таҳқиқи аз ҷиҳати методӣ асоснокро нисбати муаммои

таҳдидшаванда фароҳам меоварад. Сифат ва натиҷаи ҳар як намуди фаъолият аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи омодагии субъекти фаъолият нисбат ба иҷрои он вобаста аст. Алалхусус ин ба фаъолияти касбӣ дахлдор мебошад. Аз ин лиҳоз омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавон дар низоми мактаби олӣ мавқеи марказиро бояд ишғол намояд. Ба ин дастурамал такя намуда модели идоракунии фаъолияти омӯзгорони ҷавони мактаби олиро мавриди назар менамоем.




Расми 1. Модели идоракунии фаъолияти омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ.

Омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба таври мувозӣ ва дар як вақт бояд ба иҷрои се вазифаи фаъолияти касбӣ-педагогии худ: таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ омода гарданд.

Ҳар яке аз ин намудҳои фаъолият дар омӯзгорони ҷавон мавҷуд будани дониш, маҳорат ва малакаҳои муайяни касбӣ-педагогиро ва ҳамчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти барқароркунӣ ва эҷодиро, ки бо касби онҳо алоқамандӣ дорад, тақозо менамояд. Аз ин нуқтаи назар омодагии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ аз ҷиҳати воқеӣ зарур мебошад. Ин маънои онро дорад, ки барои иҷрои ҳар яке аз намудҳои фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба дараҷаи меъёрӣ бояд омода бошанд, чунки дараҷаи меъёрии омодагӣ сифати иҷроиши фаъолиятро муайян менамояд. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки барои омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ аз худ намудани донишҳои илмӣ ва санъати ташкил ва гузаронидани фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ зарур аст.

Аз лиҳози ташаккули шуур ва фарҳанги рафтори педагогии омӯзгори ҷавон аҳамияти махсуси муҳимро таъсири маъмурӣ ба ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавон касб менамояд. Он ҳамчунин ба сатҳи салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгор ба дараҷаи муайян ба сифати таҳсилот ҳамчун силсила дар умум, ва ҳамчунин ба унсурҳои ҷудогонаи силсилаи мазкур, алалхусус равона карда шудааст. Салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгор, дар навбати худ, ба сатҳи салоҳиятнокии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, устоди соҳибтаҷриба бояд ба баланд намудани сифати салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавон эътибори ҷиддӣ диҳад.




Расми 2. Модели мактаби шогирдтайёркунӣ.

Устод нисбати сатҳи салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгори ҷавон шахсан масъул мебошад. Мутобиқшавии касбӣ-педагогии омӯзгори ҷавон ба муҳити мактаби олӣ чун силсила дар мундариҷаи худ ҳамчунин мутобиқшавиро ба муҳити тарбиявии мактаби олӣ низ дар бар мегирад. Муҳити тарбиявии мактаби олӣ – ин шароити махсуси тарбиявӣ, ки дар он таъсири тарбиявӣ ва инъикоси тарбиявии арзишҳои тарбиявӣ ба амал меояд, ки онро дар шакли зерин тасвир намудан мумкин аст:




Расми 3. Муҳити тарбиявӣ

Боиси таассуф аст, ки натиҷаҳои мушоҳидаҳои тӯлонии мо ва таҳлили корҳои тарбиявӣ нишон медиҳанд, ки тарбия ҳамчун қувваи бошуурона на ҳама вақт мақсаднок мавриди истифода қарор дода мешавад.

Муносибати субъектҳои идоракунӣ, субъектҳои фаъолияти касбӣ-педагогӣ нисбати тарбия ҳам ҳайати профессорону омӯзгорон, ҳам худи донишҷӯён на ҳама вақт ба талаботҳои меъёрии илмӣ-методӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо дар зери мафҳуми тарбия, тарбияи шифоҳӣ дар назар дошта мешавад. Сухан – ин танҳо як воситаи тарбия мебошад, ки он танҳо дар ягонагии бо дигар воситаҳои бештар тавонои тарбиявӣ мавриди истифода қарор додан самаранокии тарбияро таъмин менамояд.

Ҳамаи ин дар маҷмӯъ мутобиқшавии омӯзгори ҷавонро ба муҳити тарбиявии мактаби олӣ мушкил мегардонад. "Тарбиядиҳанда аввал худаш бояд тарбия гирифта бошад" – гуфта мешавад дар яке аз дастурамалҳои пешбари педагогика. Агар худи тарбиядиҳанда тарбия нагирифта бошад, пас ӯ барои тарбияи донишҷӯён ҳуқуқ надорад. Ва дар инҷо чунин фикр намудан мумкин нест, ки аллакай ҳамаи омӯзгорон тарбия гирифтаанд ва дигар ба тарбия мӯҳтоҷ нестанд.

Омӯзгор то даме ки бо худтарбиякунӣ, худтарбиякунии муттасил, ва дар ҳолатҳои воқеан зарур бо азнав худтарбиякунии муттасил, ки он ислоҳи сифат, хусусият, одатҳои манфӣ нигаронида шудааст машғул нашавад, ӯ дорои ҳуқуқи тарбиядиҳандагӣ намебошад.

Дар раванди таълим мавқеи муҳимро на танҳо татбиқи вазифаи маълумотдиҳандагии таълим, балки вазифаи тарбиявии таълим низ муҳим арзёбӣ мегардад, ва дар ин маврид омӯзгор чун тарбиядиҳанда бояд амал намояд. Вобаста ба ҷанбаҳои таълим вазифаи тарбиявии таълим тавассути ҷанбаҳои субъектӣ, мундариҷавӣ ва раванди таълим татбиқ карда мешавад. Дар мактаби олӣ ба сифати ҷанбаи субъектӣ омӯзгорон ва донишҷӯён амал менамоянд, ки ҳар кадоме вобаста ба сатҳи тарбиянокиашон мувофиқ дорои арзиши тарбиявӣ мебошанд.

Вазифаи муайяни тарбиявиро омӯзгори мактаби олӣ ба сифати мураббии гурӯҳи донишҷӯён фаъолият намуданаш низ иҷро менамояд. Дар ин ҳолат мураббии гурӯҳ тарбиядиҳандаи асосии гурӯҳи муайян ҳисобида мешавад. Аммо вазифаи мураббиягӣ танҳо бо гузаронидани соати тарбиявӣ дар як ҳафта як маротиба маҳдуд намегардад. Ин вазифа бисёр мураккаб ва мушкил мебошад.

Мураббии гурӯҳ масъулияти шахсиро ба ташаккули шуур ва фарҳанги педагогии гурӯҳи муайяни донишҷӯён дар умум ва ҳар як донишҷӯ дар

алоҳидагӣ ба ӯҳда дорад. Маҳз мураббии гурӯҳ тарбиядиҳандаи асосӣ мебошад, ки ба ташаккули коллективи донишҷӯёни гурӯҳи мазкур ҷавобгӯ мебошад.

Омӯзгорони мактабҳои олӣ дар қатори корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ҳамчунин корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ мебаранд. Аз ин рӯ омӯзгорони ҷавони мактаби олиро ҳамчунин мақсаднок ва самаранок ба иҷрои ин вазифаҳо низ омода намудан лозим аст.

Агар дар раванди фаъолияти таълимӣ асосӣ ин муносибат ба таҳсил, ва дар раванди фаъолияти тарбиявӣ – муносибат ба тарбия бошад, низ дар раванди фаъолияти илмӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ – ин муносибат ба илм мебошад.

Аз ин рӯ, устодони соҳибтаҷриба зимни корҳои амалии худ бо омӯзгорони ҷавон, дар навбати аввал, бояд дар онҳо муносибати мусбиро нисбат ба илм, ба иҷрои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ ташаккул диҳанд, ин бошад бе парвариши муҳаббат нисбат ба илм воқеан ҳам имконнопазир мебошад. Омодагии назариявии омӯзгорони ҷавон ба иҷрои корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ аз солҳои донишҷӯӣ оғоз гардид, дар солҳои таҳсил дар магистратура идома меёбад. Вазифаи илмӣ-таҳқиқотии омӯзгори мактаби олиро тавассути модели зерин шарҳ додан мумкин аст:




Расми 4. Модели вазифаи таҳқиқоти илмии омӯзгор

Вазифаи таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгори мактаби олиро тавассути модели зерин шарҳ додан мумкин аст.




Расми 5. Модели вазифаи таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгор

Омодасозии касбии омӯзгорони мактаби олӣ нисбати иҷрои вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ боз ҳам мубрам мегардад аз он сабаб, ки нақш ва мақоми илм ва маълумот дар шароити ҷаҳонишавӣ ва иттилоотонии ҷомеа боз ҳам афзоиш меёбад.

Дастурамалҳои назариявӣ, маҷмӯаи моделҳои омодасозии касбӣ-вазифавии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ нисбати иҷрои вазифаҳои касбии худ, ки дар боби якум коркард гардида буданд, зимни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди тасвиб ва татбиқ қарор гирифтаанд.

Дар рафти гузаронидани озмоиш ҳамчунин хатогиҳо, камбудиҳо, норасоиҳо дар низоми омодасозии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ муайян карда шуданд, ҷустуҷӯи усулҳои самараноки ислоҳи онҳо ба сомон расонида шуданд. Се камбудии асосии низоми анъанавии омодасозии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ нисбат ба иҷрои ӯҳдадориҳои касбии худ, ки ба сифат ва натиҷаи ниҳоии омодасозии онҳо таъсири манфӣ расониданд, муайян карда шуданд.

1) Омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони мактаби олӣ, ки аз ҷиҳати илмӣ-методӣ нобаробарарзиш мебошад, вақте ки аз се функсияи вазифаи касбии низомбанди аз ҷиҳати илмӣ-методӣ баробарарзиш ба сифати асосӣ вазифаи таълимӣ мавриди назар мегардад, ва вақте ки вазифаҳои тарбиявӣ ва илмӣ дуюминдараҷа ҳисобида мешаванд.

2) Дар натиҷа низоми омодасозии яквазифагии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои касбии худ ба амал меояд, ки он ҳамчун низоми пастсифати омодасозии салоҳиятнокии мутахассисони ҷавон арзёбӣ мегардад.

3) Ҷудоӣ байни назария ва амалия дар низоми омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ ба амал меояд, вақте ки назария ва амалия ба дараҷаи муайяне ҷудо, новабаста аз ҳамдигар арзи вуҷуд доранд, вақте ки таҷрибаи педагогӣ аз ҷиҳати салоҳиятнокӣ нокофӣ ба омодагии назариявӣ аз ҷониби кадрҳои ояндаи педагогӣ гирифта такя менамояд.

4) Дар амалияи омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ мавҷуд набудани технология, методика,

тартиби омодасозии амалии онҳо, вақте ки ҳар як омӯзгори ҷавони мактаби олӣ мустақилона ба шароити таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ мутобиқ мегардад.

Бар ивази низоми омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ, ки аз ҷиҳати илмӣ-методӣ нобаробарарзиш арзёбӣ мегардад, низоми бисёрвазифагӣ, низоми аз ҷиҳати илмӣ- методӣ баробарарзиши омодасозии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ мавриди коркард қарор гирифта шуд, ки дар он омодасозии таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ диалектикаи ягонаро ташкил медиҳанд ва ҳамчун унсурҳои як силсила, баробарарзиш, бо ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста арзёбӣ мегарданд, на ин ки новабаста ва ҷудо аз ҳамдигар. Ҳар яке аз ин вазифаҳои низомсоз, силсиласоз, дар навбати худ, маҷмӯи вазифаҳое мебошанд, ки аз унсур-вазифаҳои ҷудогона иборат мебошанд, ки онҳоро тавассути формулаи зерин шарҳ додан мумкин аст:

$TF- tf^1+ tf^2+ tf^3+ tf^4+ tf^5+ tf^6.... tf^n$

$BF- bf^1+ bf^2+ bf^3+ bf^4+ bf^5+ bf^6+... bf^n$

$SF- sf^1+ sf^2+ sf^3+ sf^4+ sf^5+ sf^6+... sf^n$

Аломатҳои ишоратӣ: T(t)- аз забони англисӣ Teaching- таълимӣ;

Ҳарфҳои аввали калимаҳои англисӣ.

F (f) – Function – функсия, вазифа;

B (b) – Bringing up – тарбия;

S (s) – Scientific – илмӣ.

Омодагии касбӣ-салоҳиятнокӣ, касбӣ-вазифавии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба иҷрои ӯҳдадорӣ – вазифаҳои касбӣ ягонагии омодагии назариявӣ ва амалии онҳоро тақозо менамояд. Ноил гардидан ба мақсади мазкур ва ҳалли вазифаҳои марбут ба ин мақсад, ба ақидаи мо, аз таҳияи силсилаи моделҳо вобаста аст, ки онҳо моҳият, шакли зуҳурёбӣ ва мундариҷаи асосии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмиро инъикос менамоянд.

Муаррифии дастурамалҳои назариявӣ, асосҳои дар шакли моделҳо шарти воқеӣ зарурии илмӣ-методӣ барои ноил гардидан ба ягонагии назария бо амалия ва гузариш аз назария ба амалия ва баръакс мебошад.

Ворид намудан ба амалия на танҳо низоми гурӯҳии омодасозӣ, балки боз омодасозии амалӣ фардӣ дар шакли ташкили "Мактаби шогирдтайёркунӣ", вақте ки омӯзгори соҳибтаҷриба, устоди баландихтисос системанок ва пай дар пай мутахассиси ҷавонро ба иҷрои вазифа ӯҳдадориҳои касбие, ки бо корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ алоқаманд мебошанд, омода месозад, ки он натиҷаи мусбӣ ва сифати зарурии салоҳиятнокиро манзур карда метавонад.

Зимни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо мушоҳидаҳои психологӣ-педагогӣ, пурсиш, омӯзиш ва таҳлили фаъолияти донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорони ҷавони пешқадамро ташкил ва гузаронидем, ва ҳамчунин методҳои таҳқиқотии гуногуни эмпирикӣ ва назариявиро барои гузаронидани озмоишҳои сабткунанда ва ташаккулдиҳанда истифода бурдем.

Доир ба оптимизатсияи омодагии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ нисбати гузаронидани шаклҳои гуногуни таълим дар рафти озмоишҳои сабткунанда ва ташаккулдиҳанда натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

Ҷадвали № 1

| Шаклҳои ташкили таълим | Натиҷаҳои озмоиши сабткунанда с/б; с/м; с/п | Натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда с/б; с/м; с/п |
|---|---|---|
| Лексия | 11%; 38%; 51%; = 100% | 29%; 58%; 13% = 100% |
| КМРО | 18%; 42%; 40% = 100% | 31%; 63%; 6% = 100% |
| КМД | 22%; 48%; 30% = 100% | 33%; 52%; 15% = 100% |

Аломатҳои шартӣ:
КМРО- кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор;
КМД- кори мустақилонаи донишҷӯ.

Аз ҷадвал бармеояд, ки аз ҳама бештар омӯзгорони ҷавон зимни ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ мушкилӣ мекашанд, ки он сатҳи баланди омодагӣ ва салоҳиятнокии касбиро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда аз омӯзгорони ҷавон миқдори зиёди иштирок ба дарс ва якҷоя бо омӯзгори соҳибтаҷриба таҳлили ин машғулиятҳо талаб карда мешуд.

Ҳамчунин омӯзгорони ҷавон аз нуқтаи назари назариявӣ ба ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ бештар чуқур ва васеъ омодагӣ медиданд. Сӯҳбатҳо доир ба санъати наттоқӣ дар асоси маводи ихтисос ва намунаи фаъолияти кории наттоқони бузург, устодони сухан ташкил ва гузаронида шуд. Дар натиҷа миқдори омӯзгорони ҷавон, ки машғулиятҳои лексиониро дар сатҳи баланд мегузаронанд то 0,29% афзоиш ёфт, дар сатҳи миёна то 0,58% афзоиш ёфт ва танҳо 0,12%-и омӯзгорони ҷавон дар сатҳи паст қарор гирифтанд.



Аломати шартӣ:
а) моҳияти раванди таълим;
б) мақсади таълим;
в) вазифаи таълим;
г) мундариҷаи асосии таълим;
д) воситаҳои таълим;
е) принсипҳои таълим;
ё) методҳои таълим;
ж) шаклҳои ташкили таълим;

натиҷаҳои озмоиши сабткунанда;

- натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда

Расми 6. Натиҷаи озмоишҳои сабткунанда ва ташаккулдиҳанда доир ба омодасозии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ.

Инак, салоҳиятнокии назариявии субъекти таълимӣ-маърифатӣ аз азхудкунии чунин унсурҳои силсилаи мазкур ба монанди моҳияти раванди таълим, мақсади таълим, вазифаҳои таълим, мундариҷаи асосии таълим, воситаҳои таълим, принсипҳои таълим, методҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим вобаста аст.

Натиҷаҳои озмоиши сабткунанда нишон доданд, ки дар азхудкунии мундариҷаи таълим омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ бештар дар фаҳмиш ва хониши лексия доир ба мавзуъҳои: “Принсипҳои таълим”, “Методикаи таълим”, “Шаклҳои ташкили таълим” мушкилӣ мекашанд. Мавзӯъҳои зикргардида агар суханварона гӯем аз худ “чуқурӣ”-и дидактикаро мемонанд. Зимни озмоиши ташаккулдиҳанда ин мавзӯҳо аз ҷониби омӯзгорони ҷавон нисбатан бештар васеъ ва чуқур мавриди азхудкунӣ қарор гирифтанд. Устодони соҳибтаҷриба ба онҳо номгӯи адабиётҳои таълимӣ ва илмиро доир ба мавзӯъҳои зикргардида тавсия намуданд, ки дар ин номгӯ адабиётҳои мавзӯъҳои мазкур аз лиҳози алоқаи назария бо амалия ва татбиқи он бештар самаранок баён карда шуда буданд. Ҳамчунин дар рафти иштирок ба машғулиятҳои ҳамдигар ба сатҳи салоҳиятнокӣ ва омодагии субъекти фаъолияти таълимӣ маърифатӣ ҳам дар раванди баён ва азхудкунии назария, ва ҳам дар татбиқи унсурҳои мазкури системаи омодагии назариявӣ диққати махсус дода шуд.

Ҳамчунин дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба “тасаввурот”-и силсиланоки фаъолияти таълимии маърифатӣ омӯзонида шуданд, ки мувофиқи он ҳар як унсури силсилаи мазкур на ҷудо аз ҳамдигар, балки дар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагии дидактикӣ-диалектикӣ бо тамоми дигар унсурҳои силсилаи мазкур мавриди назар мегардад, ки дар он “тасаввурот”-и яклухт, том, комили объекти таҳқиқоти омӯзиш ба вуҷуд меояд.

## Хулоса

Масъалаҳои мундариҷаи омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ, ки аз ҷониби мо мавриди назар гардид, ва ҳамчунин баҳисобгирии афзоиши талаботҳо нисбати салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони мактаби олӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо пешниҳод карда шаванд:

1. Салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ бояд, ки дар асоси муносибати бисёрвазифагӣ, силсилавӣ-вазифавӣ ба сомон расонида шавад, вақте ки корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ ҳамчун унсурҳои баробарарзиши силсилаи ягона, комил, томе, ки бо ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста мавриди назар мегарданд.

2. Маҷмӯи моделҳои ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ моҳият, мундариҷаи асосӣ ва сохтори омодагии онҳоро ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ дар асоси бо ҳам алоқаманд намудани омодасозии назариявӣ ва амалиро инъикос менамояд.

3. Таҷрибаи пешқадами педагогии банақшагирӣ, ташкил, пешбарӣ, назорат, таҳлил, баҳодиҳӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ халқаи миёни назария ва амалия буда, бояд ки ҳамчун объекти омӯзиши ҳамаҷониба ва чуқур, ҷамъбаст ва истифодаи эҷодкорона аз ҷониби омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ таҳти роҳбарии устодони соҳибтаҷриба гардиданаш лозим аст.

4. Муҳити мактаби олӣ ҳамчун зуҳурёбии томи муҳитҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ бояд, ки шароити мусоиди яклухти психологӣ-педагогиро барои ташаккули мутахассиси ҷавон, ҳамаҷониба инкишофёфта, салоҳиятдор, ояндадор, ки барои ҳаллу фасли масъала ва муаммоҳои муосири таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ омода фароҳам оварад.

5. Мактаби шогирдтайёркунӣ ҳамчун шакли фардии таълим ва шакли омодасозии омӯзгори ҷавон таҳти роҳбарии омӯзгори соҳибтаҷриба, роҳбари корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ бояд асоси омодагии назариявӣ ва амалии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ гардиданаш лозим аст.

6. Системанокӣ ва муттасилӣ дар ташкили кори таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии шӯъбаҳои раёсати донишгоҳ, чунин сохторҳо дар факултетҳо ва гузориши корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ дар кафедраҳо ҳамчун принсипи пешбар риоя карда шавад.

Масъалаҳои мавриди назар гардида дар муаммои мураккаби бисёрҷанба ва аз ҷиҳати амалӣ арзишноки ташаккули равиши касбии мутахассисони омӯзгории ҷавони мактаби олӣ ҳанӯз ҳам пурра ва мукаммал набуда, танҳо тавассути ҷидду ҷаҳди якҷоя ва ҳамкории ҳамаи субъектҳои манфиатдори маъмурии низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳаллу фасл гардида метавонад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот**

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва хулосаҳои бадастовардаи рисолаи илмӣ метавонанд ба раванди тайёрии касбии омӯзгорони ҷавон ҷорӣ карда шавад:

– ҳангоми гузаронидани ташхиси педагогӣ барои муайян кардани сатҳҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ҷавони донишгоҳҳо бо истифода аз воситаҳои таҳияшудаи меъёру ташхис, аз ҷумла меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхис, ки муаллиф асоснок кардааст;

– ҳангоми таҳияи меъёрҳои дахлдор, нишондиҳандаҳо барои муайян кардани сатҳи дониш, ки хусусиятҳои тахассусии салоҳияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии субъекти фаъолиятро инъикос менамоянд, инчунин роҳҳо, усулҳои ислоҳ ва рафъи хатову норасоиҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ;

– ҳангоми татбиқи моделҳои сохторию функсионалӣ ва маҷмӯи шартҳои педагогӣ, ки ба беҳтар намудани омодагии назариявии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба кори таълимӣ, тарбияӣ ва илмӣ нигаронида шудаанд, ки бо ҷорӣ намудани силсилаи моделҳое, ки моҳият ва мӯҳтавои асосӣ, инчунин сохтори кори таълимӣ, тарбиявӣ ва илмиро инъикос менамоянд, вобаста аст;

– ҳангоми фароҳам овардани шароити мусоиди донишгоҳ ҳамчун зуҳуроти мураккаби муҳити таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди равонӣ ва педагогӣ барои ташаккули мутахассиси ҳамаҷониба инкишофёфта, босалоҳият, ҷавон, ояндадор, омодагии ҳамаҷониба онҳо ба ҳалли масъалаҳои муосири таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ;

– ҳангоми тарҳрезии мактаби мураббигӣ ҳамчун шакли инфиродии таълим ва шакли таълими омӯзгори ҷавон таҳти роҳбарии омӯзгор-раҳбари ботаҷриба ба кори таълиму тарбия ва илмӣ, ки асоси омодагии назариявӣ ва амалии омӯзгорони ҷавон барои фаъолияти касбӣ мебошад;

– ҳангоми муайян намудани принсипи роҳбарии шӯъбаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии раёсат, сохторҳои ҳаммонанди факултет дар татбиқи пайгирӣ ва муттасилӣ дар фаъолияти кори таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии кафедраҳо;

– дар рафти санҷиши усулҳои татбиқи маҷмӯи шартҳои педагогии ташаккули омодагии касбии омӯзгорони ҷавон, аз ҷумла усулҳои махсус интихобшуда (интерактивӣ, тадқиқотӣ, усули лоиҳавӣ), шаклҳо (лексияҳои интерактивӣ ва дарсҳои амалӣ, кори мустақилона бо ҷалби муҳити электронии иттилоотию таълимии донишгоҳ, кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ, мизи мудаввар, мубоҳисаҳо, ҳамлаи ақлонӣ, ҳимояи лоиҳаҳо) ва воситаҳои таълимӣ (диагностикӣ, иттилоотӣ, компютерӣ).

Корҳои илмӣ-тадқиқотии гузаронидашуда, натиҷаҳои мусбате, ки дар раванди омодасозии бисёрфунксионалии касбии омӯзгорони ҷавон ба даст оварда шудаанд, нишон доданд, ки маводи тадқиқоти мазкур ба омӯзгорони ҷавони оянда имкон медиҳад, ки мундариҷа, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои фаъолиятро ҳангоми кор бо донишҷӯён босаводона интихоб кунанд, инчунин ба мураббиён имкон медиҳанд, ки сатҳи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори ҷавони донишгоҳро дақиқ ва ба таври кофӣ арзёбӣ кунанд.

Маводҳои тадқиқотӣ метавонанд дар раванди омодасозии касбии омӯзгорони ҷавони салоҳиятдор барои фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ васеъ истифода шаванд.

## МАЗМУН ВА МӮҲТАВОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ЧУНИН ИНТИШОРОТ БА ТАБЪ РАСИДААНД:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия чоп шудаанд:

[1-М]. Ҳомидова, Ф.Л. Профессионально-педагогическая подготовка молодого преподавателя вуза к воспитательной работе [Матн] / Ф.Л.Ҳомидова // “Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва

ҷамъиятӣ” -и МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” №2 (71). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. - С. 165-171.
[2-М].Ҳомидова, Ф.Л. О некоторых вопросах организации школы наставничества в вузе [Матн] / Ф.Л.Ҳомидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои педагогӣ). – Душанбе, 2022. - №5. - С. 197-204.
[3-М].Ҳомидова, Ф.Л., Исломов О.А. О некоторых вопросах профессионально-педагогической подготовки молодых преподавателей вуза [Матн] / Ф.Л.Ҳомидова // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар: Матбаа, 2022. - №1-2 (98) С.79-84.
[4-М].Ҳомидова, Ф.Л. Проблемы профессионально-педагогической подготовки молодых преподавателей вуза [Матн] / Ф.Л.Хомидова // “Паёми Донишгохи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ», (бахши илмҳои педагогӣ). Кӯлоб, 2022. - №1 (26) - С. 192-198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М].Ҳомидова, Ф.Л. Полифункциональный подход в профессионально-педагогической подготовке молодых преподавателей вуза при обучении русскому языку [Текст] / Ф.Л.Ҳомидова // Маҷмӯи маҳолаҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ “Масаъалаҳои мубрами забоншиносии муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ” бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амал татбиқ намудани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, 90-солагии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва 65-солагии факултети забонҳои хориҷӣ, 28 майи 2022 с. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С.124-127.
[6-М]. Ҳомидова, Ф.Л. Профессионально-педагогическая подготовка молодого преподавателя вуза к научной работе [Текст] / Ф.Л.Ҳомидова // Тадқиқоти лингвистӣ ва методологӣ-дидактикӣ дар илми филологияи муосир (монографияи дастаҷамъӣ). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – 294 с.- С.135-140.
[7-М]. Ҳомидова, Ф.Л. Развитие профессиональных компетенций молодых преподавателей вуза при обучении русскому языку [Текст] / Ф.Л.Ҳомидова // Маҷаллаи таълимӣ-методӣ “Рахнамои таълим”, №1, 2022. - С.33-36.
[8-М]. Ҳомидова, Ф.Л. Формирование профессиональной компетентности молодых педагогов вуза при обучении русскому языку [Текст] / Ф.Л.Ҳомидова // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ оид ба рушди марказҳои таълими кушод бо забони русӣ ва таълими забони русӣ «Таълими ҳамвор бо забони русӣ: чолишҳои муосир ва дурнамои рушд» (Донишгоҳи давлатии миллӣ-тадқиқотии Мордовия ба номи Н.П. Огарева ФР, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе), 1-3 декабри 2021 – Душанбе: Нашриёти ДДМ, 2021. – С. 122-128.

[9-М]. Ҳомидова, Ф.Л. Проблема адаптации молодых преподавателей к образовательной среде [Текст] / Ф.Л.Ҳомидова // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии минтақавӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳими омӯзишу тадриси забони русӣ дар шароити рушди инноватсионӣ” бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷиикистон, дар амал татбиқ намудани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва бахшида ба 90-солагии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, 12-уми апрели соли 2022. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С. 283-289.
[10-М]. Ҳомидова, Ф.Л. Проблема адаптации молодых преподавателей вуза к условиям учебной среды [Текст] / Ф.Л.Ҳомидова // Маводҳои конференсияи байналхалкии илмӣ-амалии «XII хонишҳои Ломоносов» бахшида ба 30-солагии баркарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, Душанбе, 29-30 апрели 2022 с. – Душанбе: нашриёти МГУ, 2022. – С. 69-74.

**АННОТАЦИЯ**

диссертации Хомидовой Ферузахон Латиповны на тему «Формирование полифункциональной профессиональной компетенции молодых преподавателей вуза» на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08 – Теория и методика профессионального образования (13.00.08.04 – Теория и методика гуманитарных наук, профессиональное образование)

***Ключевые слова***: *полифункциональная профессиональная компетенция, полифункциональная профессионально-педагогическая подготовка, монофункциональная профессионально-педагогическая подготовка, молодые преподаватели вуза, учебная работа, воспитательная работа, образовательная функция обучения, учебная среда вуза, воспитательная среда вуза, научная среда вуза, научно-исследовательская работа, учебно-исследовательская работа, школа наставничества, ректорат, деканат, кафедра.*

Диссертация посвящена проблеме формирования полифункциональной профессиональной компетенции молодых преподавателей вуза на основе системно-функциональной подготовки выполнения учебной, воспитательной и научно-исследовательской работы, которые рассматриваются в диалектическом единстве, взаимосвязи и взаимообусловленности, а также на основе внедрения школы наставничества и творческого применения передового педагогического опыта.

В диссертации рассматриваются вопросы конструирования системы моделей профессионально-педагогической подготовки молодых преподавателей вуза к учебной, воспитательной и научно-исследовательской работе на основе единства теоретической и практической подготовки.

Целью исследования является разработка научно обоснованных моделей, технологий и методики полифункциональной подготовки молодых преподавателей вуза к учебной, воспитательной и научной работе, научная новизна которого заключается в следующем: доказана объективная необходимость рассмотрения профессионально-педагогической компетенции преподавателя вуза, как целостной системы функциональной готовности к учебной, воспитательной и научной работе; конструированы системы моделей сущности, основного содержания, структуры учебной, воспитательной и научной работы; раскрыты способы оптимизации готовности молодых преподавателей вуза к учебной, воспитательной и научной работе; разработаны критерии, показатели, возможные уровни сформированности профессионально-педагогической готовности молодых преподавателей вуза к учебной, воспитательной и научной работе.

Практическая значимость исследования заключается в том, что теоретические положения, педагогические модели и технологии по их применению, научно-практические рекомендации могут найти применение в процессе подготовки молодых преподавателей вуза к профессиональной деятельности; разработанные способы изменения готовности молодых преподавателей вуза к учебной, воспитательной и научной работе способствуют повышению точности оценки уровня их профессиональной компетенции; разработанная и апробированная методика формирования профессионально-педагогической компетенции преподавателей вуза может быть использована в управленческой деятельности ректората, деканата и кафедры при планировании, организации, контроле, оценке, анализе учебной, воспитательной и научной работы преподавателей. Отдельные аспекты исследования могут быть использованы в процессе чтения лекций по дисциплинам, изучаемым в магистратуре.

**Аннотатсия**

ба диссертатсияи Ҳомидова Ферузахон Латиповна дар мавзӯи “Ташаккули салоҳиятнокии бисёрвазифагии касбии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ)

***Вожаҳои калидӣ****: салоҳиятнокии касбии бисёрвазифагӣ, омодасозии касбӣ-педагогии бисёрвазифагӣ, омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ, кори таълимӣ, кори тарбиявӣ, вазифаи маълумотдиҳандагии таълим, вазифаи тарбиявии таълим, вазифаи инкишофдиҳандаи таълим, муҳити таълимӣ, муҳити тарбиявӣ, муҳити илмӣ, кори илмӣ-тадқиқотӣ, кори таълимӣ-тадқиқотӣ, мактаби шогирдтайёркунӣ, раёсат, деканат, кафедра.*

Диссертатсия ба масъалаи ташаккули салоҳиятнокии касбии бисёрвазифагии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ дар асоси омодасозии силсилавӣ-вазифагӣ ба иҷрои корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида шудааст, ки онҳо дар диалектикаи ягонагӣ, бо ҳам алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагӣ, ҳамчунин дар асоси ҷорӣ намудани мактаби шогирдтайёркунӣ ва эҷодкорона татбиқ намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ мавриди назар гардидааст. Дар диссертатсия масъалаҳои таҳияи маҷмӯи моделҳои омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси ягонагии омодагии назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Мақсади таҳқиқот:** коркарди моделҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, технологияҳо ва методикаи омодасозии силсилавӣ-вазифавии омӯзгорони макотиби олӣ ба вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ, ки навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар исбот намудани зарурати воқеии мавриди назар намудани салоҳияти касбӣ-педагогии омӯзгори мактаби олӣ ҳамчун силсилаи яклухти омодагии вазифавӣ нисбат ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ, таҳия намудани силсилаи моделҳои моҳият, мазмуни асосӣ, сохтори корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ: кушода додани тарзҳои оптимизатсияи омодагии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ; коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳҳои имконпазири омодагии касбӣ-педагогии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дастурамалҳои назариявӣ, моделҳо ва технологияҳои педагогӣ доир ба истифодаи онҳо, тавсияҳои илмӣ-методӣ истифодаи худро дар раванди омодасозии омӯзгорони ҷавони мактабҳои олӣ ба фаъолияти касбӣ ёфта метавонанд, тарзҳои санҷиши омодагии омӯзгорони ҷавони мактаби олӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмӣ барои баланд бардоштани сатҳи аниқу дақиқ баҳодиҳӣ ва сатҳи салоҳияти касбии онҳо мусоидат менамояд, методикаи ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-педагогии омӯзгорони мактаби олӣ зимни фаъолияти маъмурии раёсат, деканат ва кафедраҳо доир ба банақшагирӣ, ташкил, назорат, таҳлил, баҳодиҳӣ ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии омӯзгорон мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар раванди хониши лексияҳои фанҳои дар магистратура омӯхташаванда метавонанд истифода шаванд.

**Annotation**

to the dissertation of Homidova Feruzahon Latipovna on the theme "Forming of polyfunctional professional competence of the young teachers of high school" for the degree of the candidate of pedagogical sciences on specialty 13.00.01-"General pedagogy, history of pedagogy and education"
(pedagogical sciences).

***Keywords***: *polyfunctional professional competence, polyfunctional professional-pedagogical preparation, monofunctional professional- pedagogical preparation, the young teachers of high school , the teaching work, educational function of teaching, bringing up function of teaching, developing function of teaching, teaching environment of high school, bringing up environment of high school, environment of high school, scientific research work, teaching-research work, school of tutorship, university administration, dean's office, professorship.*

The given dissertation is devoted to the problem of forming poly functional professional competence of the young High school teachers of the basis of systematic-functional preparation for achievement of training, educational and scientific-research work, which are regarded in dialectical unity, interconnection and inter-dependence and also on the basis of implementation of the school of tutorship and creative applying of progressive pedagogical experience.

The research regards the items of constructing system of models of professional – pedagogical training of young teachers for educational and scientific – research work on the basis of unity of theoretical and practical background.

The aim of the research is working out of scientifically – based models, technologies, and methods of systematic – functional training of young teachers of High Schools for educational and scientific – research work.

The scientific novelty of the research lies in the fact, that it proves – the constructing system of the models of essence and the basic content, the structure of training, educational and scientific research work; besides it exposes the ways of optimization of readiness of young teachers for educational and scientific – research work; the criterions, showings and possible levels of forming professional – pedagogical preparation of young teachers for educational and scientific work.

Practical value of research contains the theoretical propositions, pedagogical models and technologies on their implementation.

As for scientific – practical recommendations, they can be implemented in the process of training young teachers of High Schools for their professional activity. The worked out ways of readiness of young teachers of High Schools for training educational and scientific work, promote the level up exactness of evaluation of the level of their professional competence; the worked out and tested methods of forming professional – pedagogical competence of High School teachers can be used in controlling activity of university administration, deans office and the department in planning, organizing, controlling, evaluation and analysis of academic, educational and scientific work of the teachers. Some aspects of the research can be used in the process of conducting lectures in Master Courses.